Ҳеҷ рӯзеро бандагон саҳар намекунанд магар ин ки ду фариштa фуруд меояд. Яке аз онҳо мегӯяд: Эй Аллоҳ, ба касе, ки инфоқ мекунад, ивази онро бидиҳ! Дигарӣ мегӯяд: Эй Аллоҳ, ба касе, ки бозмедорад, талаф бидеҳ!" (Яъне, моли бахилро талаф бидеҳ)

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ҳеҷ рӯзеро бандагон саҳар намекунанд магар ин ки ду фариштa фуруд меояд. Яке аз онҳо мегӯяд: Эй Аллоҳ, ба касе, ки инфоқ мекунад, ивази онро бидиҳ! Дигарӣ мегӯяд: Эй Аллоҳ, ба касе, ки бозмедорад, талаф бидеҳ!" (Яъне, моли бахилро талаф бидеҳ).

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар доданд, ки ҳар рӯз, ки офтоб тулуъ мекунад ду фариштa фуруд меояд ва нидо мекунад, яке аз онҳо мегӯяд: Эй Аллоҳ, ба касе, ки молашро дар роҳи тоатҳо, барои аҳли хона, меҳмон ва корҳои хайру нек сарф мекунад, ивази беҳтар аз он чи сарф намудааст бидеҳ, бо беҳтаринаш иваз кун ва барояш баракат бидеҳ. Дигарӣ мегӯяд: Эй Аллоҳ, ба касе, ки аз инфоқ кардан даст боз медорад талаф ва зарар бидеҳ ва молеро, ки аз ҳақдоронаш боздоштааст, нобуд гардон.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/3379